**Бонки миллии Тоҷикистон мавқеи сиёсати пулию қарзиробетағйир нигоҳ дошт**

*Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати бетағйир нигоҳ доштани мавқеи сиёсати пулию қарзӣ ва дар сатҳи 14,0 фоизи солона нигоҳ доштани меъёри бозтамвил қарор қабул кард. Қарори мазкур дар асоси тамоюли таваррум ва дурнамои ондар давраи миёнамуҳлатқабул гардид.*

Аз аввали соли 2018 сатҳи таваррум тамоюли муътадил дошта, дар моҳи сентябри соли 2018 бо арзёбии солона ба 5,0 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 1,7 банди фоизӣ (б.ф) пасттар мебошад. Ба таварруми ҳосилшуда саҳми нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 2,7фоиз, маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ 1,7 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ 0,7 фоизро ташкил дод.

Раванди таваррум асосан дар натиҷаи таъсири омилҳои бо пешниҳодотва мавсим,инчунинбарзиёдии талаботимаҷмӯӣ алоқаманд ба амал омад, ки ин тамоюлдар маҷмӯъинтизоршаванда буд.

Тибқи дурнамо вобаста ба таъсири омилҳои мавсимию муваққатӣ сатҳи таваррум раванди муътадили болоравиро идома дода,то интиҳои сол ба ҳудуди муқарраршудаи нишондиҳандаи мақсаднок 7,0% (+2 б.ф.)наздик гардида, дар давраи миёнамуҳлат дар сатҳи муътадил қарор мегирад.

Хавфҳои эҳтимолии ба сатҳи таваррум таъсиррасон, аз ҷумлаавҷгирии таъсири омилҳои ғайримонетарӣ, мавсимӣ, тағйирёбии нархи маҳсулоти кишоварзӣ ва нархҳои маъмурӣ, инчунин омилҳоимарбутаи берунӣ, аз қабили болоравии нархҳои ҷаҳонӣва тағйирёбии қурб дар бозори ҷаҳонӣ вуҷуд доранд.

Бо назардошти нигоҳ доштанираванди таваррум дар доираи нишондиҳандаи мақсаднок ва омилҳои эҳтимолии ба он таъсиррасон, дар бораи зарурати тағйир додани меъёри бозтамвил ва идома додани сиёсати монетарии пешгирифташуда қарор қабул карда шуд.

Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ татбиқи сиёсати пайгиронаи пулию қарзиро ҷиҳати ноил гардидан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи миёнамуҳлат идома дода, меъёри калидии сиёсати пулию қарзиробо дарназардошти баҳодиҳии хавфҳои таваррумӣ ва дурнамои ондар ҷаласаҳои навбатии Кумита баррасӣ хоҳад кард.

Ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон тибқи нақшаиКумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистонбаргузор гардида, қарорҳои қабулшудадар сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон нашр мегарданд.